*“Тоҷикистони Советӣ”,*
*1966, 6 август, саҳ 3.*
**ТАНҚИД ВА КИТОБИЁТ**

# ТАҲҚИҚИ НАЗМИ УСТОД

Одатан, дар радифи номи Садриддин Айнӣ унвонҳои «нависанда», «адабиётшинос», «забоншинос», «муаррих», «шоир»... зикр карда мешаванд, ки ин бесабаб нест. Аммо чунин эҷодиёти серсоҳа алҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Бинобар ин, нашр шудани асари тадқиқотии Х. Ниёзов доир ба назми устод Айнӣ, «Роҳи эҷодии Айнӣ ҳамчун шоир», (нашриёти «Наука», шаҳри Москва) ба аҳамияги муҳимми илмӣ соҳиб мебошад.

Х. Ниёзов дуруст нишон медиҳад, ки С. Айнӣ ба мисли аксари адибони шарқ фаъолияти эҷодии худро аз шеърсароӣ оғоз намудааст. Айнӣ аз охирҳои асри XIX ба майдони адабиёт қадам гузошта, асосан дар мавзӯъҳои ишқӣ ва шиквоӣ шеърҳо эҷод кардааст. Аммо, чунон ки Х. Ниёзов қайд менамояд, С. Айнӣ аз соли 1905 сар карда ба мавзуъҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ дахолат мекунад.

Муаллиф ҳаққонӣ менависад, ки «С. Айнӣ дар байни адибони Осиёи Миёна яке аз аввалинҳо шуда оғози ҳаёти навро дар ашъори худ васф карда, шаҳомати инқилоби сотсиалистиро тараннум намуд...».

С. Айнӣ баъд аз инқилоби Октябр ба эҷод кардани асарҳои мансур мегузарад, зеро «чорчубаи назм» барои ифода намудани дигаргуниҳои бузурги сохти иҷтимоӣ, мазмуну ғояҳои олӣ имконияти дилхоҳро пурра дода наметавонист. Бинобар ин, ақидаи Х. Ниёзов, ки гуё С. Айнӣ «он чиро, ки дар асарҳои мансур ифода карда натавониста буд, дар шеърҳояш ифода кардааст» мулоҳизаи махсусеро талаб мекунад.

С. Айнӣ пеш аз ҳама нависанда мебошад. Аҳли олам ӯро ҳамчун эҷодкор маҳз ба туфайли «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо» мешиносанд. Вале С. Айнӣ дар давраҳои мухталиф шеърсароиро тамоман тарк накардааст. Ӯ «Тоҷикистон», «Дили Лоҳутӣ», «Ҷанги одаму об» барин чандин асарҳои манзум офаридааст, ки онҳо ба ҳодисаю воқеаҳои муҳимми давру замон бахшида шудаанд.

Устод Айниро яке аз асосгузорони адабиёти советии узбек низ ҳисоб мекунанд. С. Айнӣ мувофиқи тақозои замон ва шароити таърихӣ баъзе асарҳои мансур ва чанде аз ашъори худро ба забони узбекӣ эҷод карда буд. Ин ҳодиса низ ҳаққони мавриди тадқиқи адабиётшинос қарор гирифтааст.

Аммо, бояд иқрор шуд, ки дар чунин ҳолатҳо суханони олим баъзан умумӣ буда, бо далелу бурҳонҳои қатъӣ мусаллаҳ нестанд. Чунончи ӯ дар саҳифаи 61 навиштааст: «Айнӣ дар ин солҳо (солҳои 1905-1917) ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ як қатор шеърҳои лирикӣ эҷод намуд, ки аксаран характери гражданӣ доранд». Баъд муаллиф ҳамчун гувоҳи фикри худ «Мозӣ ва ҳол», «Нидо ба ҷавонон» барин танҳо чанд шеъри тоҷикии Айниро зикр карда, аз ашъори ӯзбекии устод чизеро номбар накардааст.

Муҳаққиқ барои таҳлили мундариҷоти ғоявии ашъори устод, пайваста омӯхтани онҳо бо талаби замон, партия ва халқ ҷидду ҷаҳд намуда, ба комёбиҳо ноил гардидааст. Вале, гуфтан даркор аст, ки агар муаллиф алоқаҳои муваққатии С. Айниро бо ҷадидизм ва сабабу оқибатҳои онро чуқуртар таҳлил мекард, хеле хуб мешуд. Инчунин, бо амиқтар нишон додани моҳияти реакционии ҷараёнҳои миллатчигии пантуркистон, ки С. Айнӣ ба муқобили онҳо мубаризаҳои шадид бурдааст, моҳияти тадқиқот хеле меафзуд.

Х. Ниёзов дуруст қайд мекунад, ки «осори манзуми тоинқилобии Айнӣ дар вазни арӯз эҷод карда шудаанд». Илова кардан зарур аст, ки шеърҳои баъдиинқилобии устод низ дар вазни

арӯз суруда шудаанд. Арӯз вазни асосии ашъори шоирони советии тоҷик ҳисоб меёбад. Таҷрибаи эҷодии Лоҳутӣ, Турсунзода, Миршакар ва даҳҳо дигарон собит менамояд, ки мазмунҳои олии иҷтимоӣ, ғояҳои бузурги инсонпарваронаи партияро дар арӯз ҳам тараннум кардан мумкин будааст. Аз ин рӯ ба фикри мо, арӯз ва дигар воситаҳои тасвири бадеии назми классикиро айбдор кардан ва инкор намудан (саҳ. 67) ҳеҷ гуна асосе надорад.

Чунон ки таърихи  адабиёти тоҷик нишон медиҳад, дар мавзуъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, ишқӣ ва ғайра ғазал сурудан мумкин аст. Ба ин фикр эҷодиёти шоири бузурги пролетарӣ Лоҳутӣ ва дигар шоирони советии точик мисоли барҷаста шуда метавонад.

Дар рисолаи рафиқ Ниёзов баъзе нуқсонҳои дигар низ ба чашм мерасанд, ки онҳо боиси қубҳи асар гардидаанд. Масалан, дар саҳифаҳои 70, 99, 100 жанрҳои шеърии мустазод, маснавӣ бо истилоҳи «қасида» ифода карда шудаанд. Тарҷима ва ё маънидоди баъзе порчаҳои шеърӣ (саҳ. 46, 49, 53) чунон анҷом ёфтаанд, ки мазмун бо аслаш пурра мувофиқат намекунад. Чунончи, аз мисраи ишқии «Офтоби ман, намоён кун узори хешро» (саҳ. 46) оҳанги иҷтимоӣ ҷустан («солнце покажет свой светлый лик») ба ҳеҷ ваҷҳ матлуб нест...

Доир ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти илмию адабии устод Айнӣ хеле тадқиқотҳо ба вучуд омаданд. Адабиётшиносон И. Брагинский, З. Раҷабов, С. Табаров, М. Шукуров, А. Маниёзов ва дигарон дар ин масъалаҳо мақолаю рисолаҳои алоҳида таълиф намудаанд. Бо вуҷуди ин, омӯхтани эҷодиёти С. Айнӣ, аз ҷумла фаъолияти шоирии ӯ ҳоло идома дорад. Корҳои ҷиддии илмӣ ва ҷамъбасткунанда дар пешанд.

**Р. МУСУЛМОНКУЛОВ,**
**аспиранти Университети**
**давлатии Тоҷикистон.**

Тоҷикистони советӣ, 1966, 6 август, саҳ. 3.

## ТАНҚИД ВА КИТОБИЁТ

# ТАҲҚИҚИ НАЗМИ УСТОД

Одатан, дар радифи номи Садриддин Айнӣ унвонҳои «нависанда», «адабиётшинос», «забоншинос», «муаррих», «шоир»... зикр карда мешаванд, ки ин бесабаб нест. Аммо чунин эҷодиёти серсоҳа алҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Бинобар ин, нашр шудани асари тадқиқотии Х. Ниёзов доир ба назми устод Айнӣ, «Роҳи эҷодии Айнӣ ҳамчун шоир», (нашриёти «Наука», шаҳри Москва) ба аҳамияти муҳимми илмӣ соҳиб мебошад.

Х. Ниёзов дуруст нишон медиҳад, ки С. Айнӣ ба мисли аксари адибони шарқ фаъолияти эҷодии худро аз шеърсароӣ оғоз намудааст. Айнӣ аз охирҳои асри XIX ба майдони адабиёт қадам гузошта, асосан дар мавзӯъҳои ишқӣ ва шиквоӣ шеърҳо эҷод кардааст. Аммо, чунон ки Х. Ниёзов қайд менамояд, С. Айнӣ аз соли 1905 сар карда ба мавзӯъҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ даххолат мекунад.

Муаллиф ҳаққонӣ менависад, ки «С. Айнӣ дар байни адибони Осиёи Миёна яке аз аввалинҳо шуда оғози ҳаёти навро дар ашъори худ васф карда, шаҳомати инқилоби социалистиро тараннум намуд...».

С. Айнӣ баъд аз инқилоби Октябрь ба эҷод кардани асарҳои мансур мегузарад, зеро «чорчӯбаи назм» барои ифода намудани дигаргуниҳои бузурги сохти иҷтимоӣ, мазмуну ғояҳои олӣ имкониятҳи дилхоҳро пурра дода наметавонист. Бинобар ин, ақидаи Х. Ниёзов, ки гӯё С. Айнӣ «он чиро, ки дар асарҳои мансур ифода карда натавониста буд, дар шеърҳояш ифода кардааст» мулоҳизаи махсусеро талаб мекунад.

С. Айнӣ пеш аз ҳама нависанда мебошад. Аҳли олам ӯро ҳамчун эҷодкори маҳз ба туфайли «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо» мешиносанд. Вале С. Айнӣ дар давраҳои мухталиф шеърсароиро тамоман тарк накардааст. Ӯ «Тоҷикистон», «Дили Лоҳутӣ», «Ҷанги одаму об» барин чандин асарҳои манзум офаридааст, ки онҳо ба ҳодисаю воқеаҳои муҳимми даври замон бахшида шудаанд.

Устод Айниро яке аз асосгузорони адабиёти советии ӯзбек низ ҳисоб мекунанд. С. Айнӣ мувофиқи тақозои замон ва шароити таърихӣ баъзе асарҳои мансур ва чанде аз ашъори худро ба забони ӯзбекӣ эҷод карда буд. Ин ҳодиса низ ҳаққонӣ мавриди тадқиқи адабиётшинос қарор гирифтааст. Аммо, бояд иқрор шуд, ки дар чунин ҳолатҳо суханони олим баъзан умумӣ буда, бо далелу бурҳонҳои қатъӣ мусаллаҳ нестанд. Чунончи ӯ дар саҳифаи 61 навиштааст: «Айнӣ дар ин солҳо (солҳои 1905—1917) ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ як қатор шеърҳои лирикӣ эҷод намуд, ки аксаран характери граждани доранд». Баъд муаллиф ҳамчун гувоҳи фикри худ «Мозӣ ва ҳол», «Нидо ба ҷавонон» барин танҳо чанд шеъри тоҷикии Айниро зикр карда аз ашъори ӯзбекии устод чизеро номбар накардааст.

Муҳаққиқ барои таҳлили мундариҷоти ғоявии ашъори устод, пайваста омӯхтани онҳо бо талаби замон, партия ва халқ ҷидду ҷаҳд намуда, ба комёбиҳо ноил гардидааст. Вале, гуфтан даркор аст, ки агар муаллиф алоқаҳои муваққатии С. Айниро бо ҷадидизм ва сабабу оқибатҳои онро чуқуртар таҳлил мекард, хеле хуб мешуд. Инчунин, бо амиқтар нишон додани моҳияти реакционии ҷараёнҳои миллатчигии пантуркистон, ки С. Айнӣ ба муқобили онҳо муборизаҳои шадид бурдааст, моҳияти тадқиқот хеле меафзуд.

Х. Ниёзов дуруст қайд мекунад, ки «осори манзуми тоинқилобии Айнӣ дар вазни арӯз эҷод карда шудаанд». Илова кардан зарур аст, ки шеърҳои баъдиинқилобии устод низ дар вазни арӯз суруда шудаанд. Арӯз — вазни асосии ашъори шоирони советии тоҷик ҳисоб мебад. Таҷрибаи эҷодии Лоҳутӣ, Турсунзода, Миршакар ва даҳҳо дигарон собит менамояд, ки мазмунҳои олии иҷтимоӣ, ғояҳои бузурги инсонпарваронаи партияро дар арӯз ҳам тараннум кардан мумкин будааст. Аз ин рӯ ба фикри мо, арӯз ва дигар воситаҳои тасвири бадеии назми классикиро айбдор кардан ва инкор намудан (саҳ. 67) ҳеҷ гуна асосе надорад.

Чунон ки таърихи адабиёти тоҷик нишон медиҳад, дар мавзӯъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, ишқӣ ва ғайра ғазал сурудан мумкин аст. Ба ин фикр эҷодиёти шоири бузурги пролетарӣ Лоҳутӣ ва дигар шоирони советии тоҷик мисоли барҷаста шуда метавонад.

Дар рисолаи рафиқ Ниёзов баъзе нуқсонҳои дигар низ ба чашм мерасанд, ки онҳо боиси кубҳи асар гардидаанд. Масалан, дар саҳифаҳои 70, 99, 100 жанрҳои шеърии мустазод, маснавӣ бо истилоҳи «қасида» ифода карда шудаанд. Тарҷима ва ё маънидоди баъзе порчаҳои шеърӣ (саҳ. 46, 49, 53) чунон анҷом ёфтаанд, ки мазмун бо аслаш пурра мувофиқат намекунад. Чунончи, аз мисраи ишқии «Офтоби ман, намоёк кун узори хешро» (саҳ. 46) оҳанги иҷтимоӣ ҷустан («солнце покажет свой светлый лик») ба ҳеҷ ваҷҳ матлуб нест...

Доир ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти илмию адабии устод Айнӣ хеле тадқиқотҳо ба вуҷуд омадаанд. Адабиётшиносон И. Брагинский, З. Раҷабов, С. Табаров, М. Шукуров, А. Манийзов ва дигарон дар ин масъалаҳо мақолаю рисолаҳои алоҳида таълиф намудаанд. Бо вуҷуди ин, омӯхтани эҷодиёти С. Айнӣ, аз ҷумла фаъолияти шоирии ӯ ҳоло идома дорад. Корҳои ҷиддии илмӣ ва ҷамъбасткунанда дар пешанд.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
аспиранти Университети давлатии Тоҷикистон.